МДТ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД
БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ-373(575.3)
ТБК-74.100
М-26

МАНСУРОВА ДИЛРАБО ҚОДИРҶОНОВНА

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ МАЪРИФАТӢ-ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06-Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01-назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)**

**ХУҶАНД – 2024**

Диссертатсия дар кафедраи педагогика ва психологияи томактабии Муассисаи давлатии таълимии " Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Сабурӣ Хайрулло Мирзозода** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

**Муқарризони расмӣ:** **Юнусова Нафисахон Муродовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Қурбонова Гулрӯ Абдуалимовна** - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф" дар шаҳри Душанбе

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳимояи диссертатсия санаи «12» сентябри соли 2024, соати 13:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2. Тел.: 227 62 46; 55 999 31 20) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (http://www.prmatt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат « ____ » ___________ соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент** **Котибова Ш. П.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқотро** тамоюлҳои муосири рушди таҳсилоти ватанӣ ва ҷаҳонӣ муайян мекунанд, ки ба тарбияи шахсияти эҷодкор, ҳамаҷониба инкишофёфта аз синни барвақти кӯдакӣ нигаронида шудаанд. Таҳаввулоти амиқи иҷтимоию иқтисодии тайи даҳсолаҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баамаломада, афзалиятҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ дар маҷмуъ бо рушди босуръати илму техника зарурати ташаккули насли нави эҷодкор, дар шахсияти дорои тафаккури мустақил, ҳаракатнокӣ ва муносибати эҷодкорона дар ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда, дорои доираи васеи салоҳиятҳои касбии зоҳиршаванда дар фаъолияти иҷтимоӣ, идроки масъулияти худ бароиояндаи кишвар ва нақши худро дар ташаккули он ба миён гузоштааст. Тоҷикистони муосир ба ашхоси эҷодкор ниёз дорад, ки  мустақилона қодир ба  бунёди роҳи зиндагии худ ва расидан  ба ҳадафҳои шахсӣ ва касбии худ бошанд.

Масъалаҳои ташаккул ва инкишофи қобилияти эҷодии шахс ба эҷоди хусусияти зехнидошта дар нимаи дуюми асри XIX мавриди таваҷҷуҳи олимон карор гирифта, яке аз мавзӯъҳои асосии таҳқиқоти равоншиносони хориҷӣ шудааст.

Фаъолият ва нерӯе, ки шахс дар фаъолияти муайян нишон медиҳад, хоҳиши ӯро барои ифодаи берунии қобилият ва истеъдоди худ, таваҷҷуҳи ӯро ба рушди минбаъда, таваҷҷуҳи бемаҳдуд ба олами атроф, хоҳиши саҳмгузорӣ дар дигаргунсозии сифатии он ифода мекунад.

Метавон таъкид кард, танҳо шахсе, ки аз ҷониби дигарон дарк карда мешавад, бехатарии худро ҳис мекунад ва бо хоҳиши зоҳир кардани шахсияти худ ба худифодакунӣ қодир аст.

Аҳамият ва зарурати ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва эҷодӣ дар сатҳи тарбияи томактабӣ, ки роҳҳои омӯхтани олами атрофро барои хонандагон муайян мекунанд, қобилияти ташаккул додани раванди мустақилонаи ҷустуҷӯ, гузаронидани таҳқиқот ва иҷрои маҷмӯи амалиёти гуногун барои коркард, ба низом даровардан, ҷамъбасткунӣ ва ба кор бурдани маълумоти бадастовардаи худи толибилм кайд карда мешавад.

Муассисаи томактабӣ бояд ба талабагон имконият фароҳам оварад, ки ихтироъ кардан ва гузаронидани тадқиқот, фаҳмидан ва азхуд кардани чизҳои нав, баёни нуқтаи назари худ, ташаккули баёни озод, қабули қарорҳо ва ҷустуҷӯи маълумоти заруриро ёд гиранд, пас зарур аст мураббӣ-омӯзгор бо афзори арзёбии муваффақияти бачагон дар азхудкунии ин натиҷаҳо, фароҳам овардани имкони муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи ҳар як кӯдак дар раванди азхудкунии малакаҳои муайян барои сохтани фазои инфиродии таълимӣ талош варзад..

Вобаста ба ин, масъалаи ташаккули шароитҳои ташкилию педагогӣ ва модели ташаккул ва баҳодиҳии салоҳиятҳои маърифатӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабии калонсол дар муассисаҳои томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ шуда, аҳамияти тадқиқоти мазкурро муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, таваҷҷуҳ ба худшиносии одами нав мубрамии хос пайдо мекунад, ки он аз  худшиносӣ ва худмуайянкунии маърифатию эҷодии  ӯ, худтакмилдиҳии касбӣ ва шахсиятӣ, доштани қобилияти худназораткунӣ ва

худташкилкунӣ, ҳисси масъулият барои тасмимҳо ва амалҳои худ иборат мебошад. Фармоиши иҷтимоии ҷомеаи кунунӣ дар одами муосир ниёзи доимиро ба фарогирии донишҳои нав, қобилияти мустақилона ошкор кардани сиришти падидаҳо ва моҳияти мафҳумҳои гуногун, эҷодкорона истифода бурдани донишҳои андухташударо ба мақсади ҳалли масъалаҳои дар назди инсон гузошташуда пешбинӣ мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ба ақидаи бисёре аз пажӯҳишгарони барҷаста, (Н.А.Бердяев, Ю.К.Бабанский, Л.И. Ансиферова, Л.С.Виготский, Н.Д. Левитов, П.Ф. Каптерев, И.А. Зимняя, А.Н.Леонтев, Н.Д.Левитов, К.Юнг, В.Штерн, К.Д.Ушинский, Л.С.Рубинштейн) мустақилияти ҷанбаи маърифатию эҷодидошта яке аз хосиятҳои асосии фард ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосир, талабот ба чунин хосиятҳо беш аз пеш мубрамтар аст, зеро инсони муосир бояд қодир бошад, ки ба шароити зудтағйирёбандаи зиндагӣ ва истеҳсолот базудӣ мутобиқ шавад, то ба талаботи баланди бозори меҳнати муосир, ки ба одамони соҳибихтисос ва мустақилона андешакунанда, шахсони бофаросати қодирбуда ба ҳалли масъалаҳо бидуни "маслиҳатҳои" ашхоси дигар ниёз дорад, посухгӯ бошанд.

Мубрамии баланди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ ҳам ба ниёзҳои ҷомеаи муосир ва ҳам ба инсонгаросозии соҳаи таҳсилот вобаста аст, ки дар он кӯдак арзиши калидӣ ба ҳисоб меравад ва ҳадафи асосии таҳсилот ба ҳадди аксар расонидани ошкорсозии иқтидори эҷодӣ ва зеҳнии кӯдак аст, то як одами хурдсол тавонад худро минбаъд дар шароити кунунӣ пурра амалӣ намояд.

Ин тамоюл дар таҳқиқоти сершумори илмии олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ташаккули маърифативу эҷодии шахсият, аз он ҷумла шахсияти кӯдакони синни томактабӣ бахшида шудаанд, тасдиқи худро ёфтааст. Муҳаққиқони хориҷӣ, аз қабили Д.Б. Эпифан, Ю.К. Бабанский, Б.Г. Ананиев, С.Л. Рубинштейн, И. Я. Лернер, Т.И. Шамова, В. Сластенин, М.Н. Скаткин И.С Якиманская, И.А Зимная, Е.В. Бондаревская ва муҳаққиқони тоҷик, ба монанди Лутфуллозода М., Шарифзода Ф., Раҳимов Б., Маҷидова Б., Нуров А., Шарофов Ш., Обидова М., Иматзода Л., Ҷалолова Г., Иззатулоев Р., Каримова Д.И., Турғунова З.К., Муҳиддинова Ш. ва дигарон таҳқиқоти худро қисман ба ҳамин мавзуъ бахшидаанд. Дар ин росто, масъалаи мавриди назар аз ҳама бештар ва ба таври густурдатар дар осори илмии профессор Маҷидова Б. инъикоси худро ёфтааст.

Кори таълиму тарбия бо бачагон яке аз захираҳои асосии такмили салоҳияти маърифатию эҷодии онҳост. Бояд қайд кард, ки нақши муассисаҳои таълимии томактабӣ дар шароити кунунӣ меафзояд: маҳз фаъолияти таҳсилотӣ ва иҷтимоию фарҳангии онҳо барои дар оянда ба андозаи ҳадди аксар ошкор шудани қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии кӯдак замина мегузорад. Муҳити таҳсилоти томактабӣ ин иборат аз таҳсилоти шахсии ҷанбаи эҷодидошта мебошад, ки бачагон онро дар шароити интихоби озод ва дар вақти фориғ аз машғулиятҳои асосии худ азхуд мекунанд.

Кори таълиму тарбия бо бачагон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар гурӯҳҳо ва иттиҳодияҳои эҷодӣ мувофиқи шавқу рағбати онҳо ба роҳ монда мешавад. Ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки ба рушди эҷодии одами хурдсол, фардикунонӣ ва иҷтимоикунонии ӯ нигаронида шудаанд, бояд ҷанбаҳои эҷодӣ

ва маърифатиро дар ташкили фароғати бачагон якҷоя намуд (В.П. Голованов, А.К. Бруднов, А.Г. Асмолов, Ю.В. Яковетс, О.Е. Лебедев, А.В.Золотарева).

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ ва маърифатии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ барои гузоштани таҳкурсии мавқеи фаъоли ҳаётии онҳо, ҳавасманд кардани онҳо ба худтакмилдиҳии доимии шахсӣ нигаронида шудааст.

Дар адабиёти муосири илмию методӣ ва педагогӣ мо доираи васеи равишҳои гуногуни баррасии проблемаи марбут ба салоҳияти маърифатӣ ва эҷодии бачагонро пайдо мекунем.

Чунончи, А.В. Качалов, Д.Б. Элконин, А.М. Матюшкин, В.В. Давидов ва дигар муҳаққиқон дар асарҳои худ рушди қобилиятҳои маърифатию эҷодиро дар доираи доираи раванди таҳсилот баррасӣ намудаанд. Дар пажӯҳишҳои А.Н. Леонтев, П.М Конишева, Е.М. Галямова, С.Л. Рубинштейн, Р. С Немова, А.Маслоу, И.Я Лернер ба коркарди методикаи усулхои ба фаъолияти ҷанбаи эҷодидошта ҷалб намудани гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ диққати махсус дода шудааст.

Дар илми педагогикаи муосир панҷ равиши асосии таҳқиқоти салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ ташаккул ёфтааст: аз қабили тавсифномаи раванди тафаккур (А.З.Раҳимов, А.В.Брушлинский); ҳамчун қобилияти амал кардан дар шароити тағйирёбанда (К.К. Платонов, Л.Б. Ителсон); ҳамчун шарти зарурӣ барои ташаккули мавқеи субъектӣ (А.П. Тряпитсина, С.Л. Рубинштейн); хамчун сифати шахсие, ки дар ҷараёни фаъолияти муштарак ташаккул меёбад (А.В.Петровский, А.Г.Асмолов); хамчун маҷмӯи расмиёти ҷанбаи эҷодидошта, ки фаъолияти таълимию маърифатиро ташкил медиҳанд (В.С.Шубинский, И.Я.Лернер, В.И.Андреев).

Дар баробари ин, эҳтиёҷоти ҷомеаи муосир ба шахсияти мустақилу эҷодкор, инчунин мавҷудияти таҳқиқоти сершумор оид ба мавзӯи баррасишаванда ба мо далели кофӣ намедиҳад, ки раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисахои таҳсилоти томактабй ба дарачаи кофӣ омӯхта шуда бошанд.

Таҳлили ҳолати кунунии ҷанбаи аз тарафи мо таҳқиқшавандаи раванди таълиму тарбия як қатор ихтилофоти ҷиддиро ошкор намуд:

- байни дархости иҷтимоӣ ба тарбияи шахсияти эҷодкор, мустақил андешакунанда ва савияи ғайриқаноатбахш истифода намудани иқтидори педагогӣ ва иҷтимоии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ ;

- байни самтгирии муассисаҳои таълимии томактабӣ ҷиҳати рушди қобилиятҳои эҷодии бачагон ва нарасидани мутахассисони соҳибтахассус дар ин соҳаи фаъолияти педагогӣ;

- байни парадигмаи нави таҳсилот ва савияи пасти омодагии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба он талаботе, ки ҷомеаи муосир ба раванди таҳсилот ҳангоми кор бо кӯдакони синни томактабӣ мегузорад;

- байни вазифаҳо вобаста ба рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ва омодагии нокифояи мураббиёни низоми таҳсилоти томактабӣ нисбат ба ташкили ин раванд мутобиқи талаботи муосир.

Бо назардошти заминаҳо ва ихтилофоти дар боло номбаршуда, мо **проблемаи таҳқиқотро** муайян кардем: дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ чи гуна шароити педагогӣ бояд фароҳам оварда шавад.

Ихтилофоти дар боло зикршуда, инчунин мубрамии мавзӯи баррасишаванда ба мо имкон доданд, ки мавзӯи таҳқиқотро интихоб кунем: «Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ».

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчубаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров (мавзут илмии кафедра навишта шавад) ба роҳ монда шуда, бо муқаррароти асосии Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 робита дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**: фароҳам овардани асоснокии назариявӣ ва тасвиб намудани шароитҳои педагогӣ барои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо назардошти ҳадаф ва фарзияи таҳқиқот вазифаҳои он муайян карда шуданд:

- ба тафсил пешниҳод намудани мафҳуми «рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ»-и гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти томактабӣ;

- ошкор намудани вижагиҳо ва имконоти муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар кори ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагон;

– ошкорсозии меъёру нишондиҳандаҳои муайянкунии савияи ташаккулёбии салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ;

– асосноккунии назариявӣ, тасвиби амсила ва шароити педагогии зарурӣ барои ташаккули самараноки салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ.

**Объекти таҳқиқот**: раванди ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодӣ дар гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот**: маҷмӯи шароити педагогии зарурӣ барои ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ.

**Фарзияи таҳқиқот** аз чунин тасаввуроти мо иборат аст, ки тибқи он барои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ зарур мебошанд:

- таҳқиқ намудани моҳияти мафҳуми «рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ» дар гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ;

- ошкор намудани вижагиҳо ва имконоти муассисаҳои таълимии томактабӣ дар робита ба рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ

– муайян ва таъмин намудани асосноккунии назариявии меъёру нишондиҳандаҳои зарурӣ барои муайян намудани савияи рушди салоҳияти маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ;

- таҳия ва татбиқи тасвиби амалии шароитҳои педагогӣ, инчунин амсилаҳои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот дар марҳилаҳои зерин гузаронида шуд:

**Марҳилаи якум** - ҷустуҷӯӣ ва таҳлилӣ (солҳои 2019-2020) корҳои омӯзиши адабиёти фалсафӣ, педагогӣ ва психологии қаблан интихобшуда оид ба мавзӯи баррасишаванда, инчунин таҳлил ва арзёбии вазъи кунунии соҳаи омӯхташаванда, ҷанбаҳои амалӣ ва назариявии онро дар бар мегирифт. Дараҷаи мубрамӣ ва савияи коркарди проблемаи мавриди таҳқиқ қарордошта, вазифаҳо, ҳадафҳо, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, методҳои он, лоиҳакашии барномаи ҷанбаи инкишофидоштаи омодасозии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ муайян карда шуданд.

**Марҳилаи дуюм** - озмоишӣ (солҳои 2021-2022) фаъолияти оид ба таҳияи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташхисии барои арзёбии савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ зарурбударо дар бар мегирад. Амсилаи педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ таҳия гардида ва аз тасвиби амалӣ гузаронида шуд.

**Марҳилаи сеюм -** ҷамъбастӣ (солҳои 2022-2023) ба таҳлил ва коркарди омории маълумот дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ бахшида шуда, натиҷаҳои он ҷамъбаст ва ба низом дароварда шуданд, ки ин имкон дод, нуктаҳоа хулосаҳои ниҳоии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳия карда шаванд.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқоти пешниҳодшуда фарогири ғояҳои инсонгароёнаи педагогикаи муосир; равишҳои фалсафӣ нисбат ба инсон ҳамчун арзиши олӣ; принсипҳои таърихӣ, детерминизм ва воқеъбинии илмӣ; як силсила андешаҳои илмӣ дар бораи қонуниятҳои фаъолияти эҷодӣ аз нуқтаи назари тарбия, таълим ва иҷтимоисозии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ; татбиқи равишҳои антропологӣ, аксиологӣ, шахсиятӣ, системавӣ, фаъолиятӣ, полисубъективӣ нисбат ба раванди таҳсилот мебошад.

Ба сифати заминаи нуктаҳои асосии таҳқиқоти худ мо ба пажӯҳишҳои зерин муроҷиат намудем:

- ба таҳқиқоти назариявӣ, ки ба инкишофи шахсият бахшида шудаанд: аз қабили назарияи гуманистӣ (К. Роджерс, А. Маслоу); коркардҳои фаъолиятӣ ва назарияи фарҳангию таърихӣ (С. Л. Рубинштейн, А. Н. Леонтев, Л. С. Виготский, П.П. Блонский); ба назарияҳои психоаналитикӣ (Э. Эриксон) ва маърифатӣ (Ҷ. Пиаже);

- ба корҳои илмӣ, ки иқтидори системаи таҳсилоти томактабӣ дар рушди шахсияти кӯдакро ошкор мекунанд (О.Е.Лебедев, А.В.Золотарева,

В.П.Голованов, А.К.Бруднов, В.А.Г.Асмолов, Ю.В.Яковетс, А.И.Четинская, М.Б.Ковал. ,.Н.Мединский ва дигарон);

- ба нуктаҳои консептуалӣ оид ба зарурати фаъолияти мунтазами мақсаднок оид ба рушди мустақилияти маърифатию эҷодии бачагон (Г.А. Тсукерман, Т.И. Шамова, Р.С. Немов, И.Я. Лернер, П.Ф. Давидов, П.Ф.Каптерев, Ю.К. Бабанский);

- ба бархӯрдхо ва нуктаҳое, ки ҷанбаҳои психологию фалсафидоштаи фаъолияти эҷодиро ҳамчун шакли олии фаъолияти инсон ошкор мекунанд (И. Кант, Л. С. Виготский, С. Л. Рубинштейн, А. Г. Маслоу, Н. Н. Конишева).

**Сарчашмаҳои маълумот.** Сарчашмаи маълумотро дар диссертатсия асарҳои файласуфон, психологҳо ва олимони соҳаи педагогика, ки дар умум масъалаи тарбияи маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ таҳқиқ намудаанд, ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ба сифати сарчашмаи маълумот санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар санадҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар назария ва амалияи таълиму тарбияи томактабӣ, таҷрибаи пешқадами педагогии маъмурият ва мураббиёни кӯдакистонҳо хизмат намуданд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҷриба ва маълумоти эътимодноки аз муассиссаҳои таҳсилоти томактабӣ ба даст оварда шуда, бо истифода аз методҳои эмпирикии таҳқиқот ба шакл даровaрда шуд: омӯхтан ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи пешқадами мураббиёни муассисаҳои таҳсиоти томактабӣ оид ба тарбияи маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ; мушоҳидаи мунтазам ва давомнок ба ҷараёни фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ ҷиҳати дар тарбиятгирандагони хурдсол ташаккул додани арзишҳои маърифатӣ-эҷодӣ; гузаронидани пурсишнома ва натиҷагирӣ аз маълумоти бадастомада бо истифода аз усулҳои таҳлил, таркиб, хулосабарорӣ бо пешниҳоди натиҷаи нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории коркардшуда, суҳбатҳои фардӣ ва гурӯҳи бо мураббиён ва падару модарон.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Ба сифати пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии корҳои таҳқиқотӣ 4 муассисаи таҳсилоти томактабии №№ 23, 26, 32 ва Дилорои шаҳри Хуҷанд интихоб шуда, дар таҳқиқот 57 мураббиён, 46 волидайн ва 173 кӯдакони синни калони томактабӣ фаро гирифта шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот инҳоро дар бар мегирад:

1. Мафҳуми «ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ»-и гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ мушаххас карда шуд, ки он маънои тағйирёбии сифатҳои шахсияти кӯдаки синни томактабиро таҳти таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна (мутаносибан, фаъолияти худи кӯдак ва таъсиррасонии педагогӣ ба ӯ) дар бар мегирад

Таҳти мафҳуми салоҳияти маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ мо сифати шахсии ҷанбаи умумидоштаро дар назар дорем,

ки ҳавасмандӣ, қобилияти муайян кардани вазифаи эҷодӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли он тавассути худназораткунӣ ва худтанзимкуниро дар бар мегирад.

2. Имконоти педагогӣ ва иҷтимоии системаи таҳсилоти томактабӣ ҳамчун як соҳаи фаъолияти педагогӣ ошкор карда шуданд, ки он имкон медиҳад ташаккули мустақилияти эҷодии кӯдак дар шароити фаъолияти ӯ дар иттиҳодияҳои эҷодии бачагон, ки дар он ҷо ба ӯ таълиму тарбия дода мешавад, озодии интихоби фаъолияти мувофиқе, ки ба талабот ва шавқу рағбати кӯдак мувофиқат мекунад, ба худмуайянкунӣ, худифодасозӣ, ба ҳадди аксар кушодашавии иқтидори эҷодӣ ва зеҳнии ӯ мусоидат мекунад. Муассисаҳои таълимии томактабӣ дорои вижагиҳои зерин мебошанд:

- сохтани фазои инфиродии таълимӣ барои ҳар як кӯдак ва татбиқи он;

- хусусияти шахсан аҳамиятдоштаи фаъолияти дорои ҷанбаҳои таълиму тарбиявӣ ва инкишофдиҳанда;

- фаъол гардонидани ҷанбаи ангезавӣ нисбат ба фаъолияти эҷодии бачагон тавассути хусусияти чандирии ҷузъҳои таркибии раванди таҳсилот, ки ба қонеъ гардонидани талабот ва шавқу рағбати маърифатии онҳо нигаронида шудааст;

- имкониятҳои кофии замон, ки имкон медиҳад шаклҳо ва намудҳои фаъолияти эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ ба таври васеъ тағйир намуда, вазифаҳои эҷодӣ вобаста ба дараҷаи мураккабии онҳо бо назардошти қобилият, хоҳиш ва шавқу рағбатҳои кӯдак тафриқа карда шаванд;

- фазои ғайрирасмӣ, озод дар ҷараёни таълиму тарбия.

3. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳое, ки барои арзёбии савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти томактабӣ заруранд, муайян карда шудаанд. Мавҷудияти робитаи байниҳамдигарии ҷузъҳои таркибии амалӣ, муҳтавоӣ ва ангезавии ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ имкон дод, ки чунин нишондиҳандаҳо ба мисли амалисозии нақшаи эҷодӣ, савияи зоҳиршавии фардият, маҳсулнокии фаъолият, интихоби маводу воситаҳо, асолати нақша ва иҷрои кор ҷудо карда шаванд

4. Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таҳия ва тасвиби шароити педагогӣ ва амсилаҳои ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ гузаронида шудааст.

Сохтори амсила аз чаҳор бахши зерин иборат аст: методологӣ, технологӣ, муҳтавоӣ ва баҳодиҳӣ.

Бахши методологӣ равишҳо ва принсипҳои умумипедагогиро дар бар мегирад, ки раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабиро таъмин мекунанд.

Дар доираи бахши муҳтавоӣ марҳилаҳои таҳияи барномаи таҳсилоти томактабӣ ва таъмини меъёрии онҳо оварда шудаанд.

Бахши технологӣ технологияҳои калидии педагогӣ, шаклу методҳо, инчунин шароитеро дар бар мегирад, ки барои ташкили раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ заруранд.

Дар доираи бахши баҳодиҳӣ меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои зарурӣ барои арзёбии савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Мо тахти мафҳуми ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ тағйироти сифати шахсияти кӯдаки синни томактабиро тахти таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ дар назар дорем.

Мураббии муассисаи таълимии томактабӣ дар ҷараёни кори таълиму тарбия, ки ба татбиқи барномаи таҳсилоти томактабӣ нигаронида шудааст, таъсири педагогӣ мерасонад. Савияи фаъолнокии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ бо ҳавасмандии дохилии онҳо, қобилияти ҷудо кардани вазифаи эҷодӣ ва пайдо кардани роҳҳои ҳалли он тавассути худидоракунӣ ва худтанзимкунӣ муайян карда мешавад.

2. Системаи таҳсилоти томактабӣ ҳамчун як соҳаи фаъолияти педагогӣ, ки барои таъмини рушди эҷодии кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ шудааст, бо чунин хусусиятҳо ба монанди ҳаракатнокӣ, кушодагӣ, чандирият фарқ мекунад, ки дар маҷмуъ ба мо имкон медиҳад, ба дархостҳои ҷанбаи таҳсилотидошта аз тарафи давлат, ҷомеа ва оила базудӣ ҷавоб диҳем..Иқтидори педагогӣ ва иҷтимоии системаи таҳсилоти томактабӣ ғанитарин сарват ва воситаи тавонои рушди неруи эҷодӣ ва зеҳнии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ мебошад.

Мо тахти мафҳуми ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ раванди лоиҳасозишудаи педагогиро дар назар дорем, ки ба он мунтазамӣ ва мақсаднокӣ хос буда, ҷузъи ҷудонашавандаи таркибии раванди ташаккули шахсияти гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ мебошад.

3. Дар байни нишондихандаҳои асосие, ки савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабиро дар шароити муассисаи таҳсилотӣ тавсиф мекунанд, инҳоро қайд мекунем: савияи зуҳуроти фардият ҳангоми иҷрои кори эҷодӣ; қобилияти амалӣ намудани ғояи эҷодӣ дар тайёркунии маснуот; маҳсулнокии фаъолияти эҷодӣ, ки хоҳиши кӯдакро барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ ҳангоми иҷрои саҳеҳ ва бо сифати баланд дар бар мегирад; маҳорати ба кор бурдани техникаи гуногун ва кор бо навъҳои гуногуни мавод ва асбобҳо. Тағйироти нишондиҳандаҳои савияҳо ба мо имкон медиҳад, ки динамикаи раванди ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодиро дар гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ пайгирӣ кунем.

4. Барои таъмини самаранокии раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бояд шароити зерини педагогӣ иҷро карда шаванд:

- ҳавасманд намудани бачагон ба фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ;
- фароҳам овардани вазъияти муваффақиятнок;
- ба бачагон таъмин намудани ҳуқуқи озодона интихоб намудани намуд ва самтҳои фаъолияти дорои хусусияти эҷодӣ ва бадеӣ;
- ба шаклҳои гуногуни ташкили кори эҷодӣ мурочиат намудан;
- усулҳои фаъолияти таҳқиқотиро корбаст намудан.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқоти озмоишӣ аз инҳо иборат аст:

- амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ дар асоси

равишҳои салоҳиятнокӣ, фарҳангшиносӣ, аксиологӣ, субъектӣ-фаъолиятӣ ва системавӣ барои дарки вижагиҳои раванди мазкур таҳия шудааст, ки он ба назарияи таълими томактабии бачагон сахми муайяне мебошад;

- барои такмил додан ва ба низом даровардани дастгоҳҳои истилоҳотӣ ва мафҳумии масъалаҳои баррасишаванда кор иҷро карда шуд, ҷузъи муҳтавоии мафҳуми «салоҳияти эҷодию маърифатии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ » таҳқиқ гардид;

- заминаи методологии тайёрии томактабии бачагон бо фаъолияти аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшуда ва дар амал татбиқшавандаи педагогӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ нигаронида шудааст, такмил ва ғанӣ гардонида шуд (тавсифоти муфассали технологияҳои педагогӣ, шароит ва методҳои фаъолияти гунавӣ дода мешавад);

- тавсеаи равишҳои педагогӣ нисбат ба меъёрҳои ташхиси савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, ки робитаи байни ҷузъҳои таркибии ангезавӣ, амалӣ ва муҳтавоиро ифода мекунанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии таҳқиқот аз инҳо иборат аст: маҷмӯи воситаҳои муассир муайян карда шудаанд, ки ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ таъмин мекунанд. Аз ҷумла:

– маҷмӯи махсуси воситаҳои ташхис барои муайян намудани савияи ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодӣ таҳия шудааст;

- таҳия ва тасвиби барномаи таълимии томактабии дорои ҷанбаии умумиинкишофӣ, ки ба ташаккули қобилияти бадеии бачагон нигаронида шудааст, бо номи «Устохонаи сеҳрнок» гузаронида шуд;

— тавсияхои амалӣ ва назариявиро оид ба тартиб додани программаи таълимии умуми инкишофӣ, ки вазъияти кунунии тарбияи томактабии ҷумҳуриро ба назар мегирад, мураттаб гардид.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот батуфайли заминаи муосири методологӣ ва назариявӣ, омӯзиши рушди системаи таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати кунунии он, истифодаи равишҳо ва принсипҳои умумипедагогӣ, муқарраргардида таъмин гардид, ки натиҷаҳои ба даст овардашуда, дар корбурди доираи васеи методҳои таҳқиқот якдигарро пурра мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият) 13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Мавзуи рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст, яъне масъалаи рушди

салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ дар педагогикаи миллӣ махсус мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифта буд. Аз ҳамин лиҳоз, саҳми муҳаққиқ дар он аст, ки мазкур масъалаи рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабиро баррасиву таҳқиқ кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот** дар ҷараёни таҳқиқоти озмоишӣ, ки ба татбиқи барномаи муаллиф нигаронида шудааст, амалӣ карда шуд. Дар асоси нуктаҳои асосии таҳқиқот барои конфронсҳо ва семинарҳо дар сатҳҳои гуногун - аз донишгоҳӣ то байналмилалӣ гузоришу маърӯзаҳо омода карда шуданд.

Ғояҳои асосии таҳқиқот, натиҷаҳои илмии он дар мақолаҳои илмӣ инъикос ёфтаанд, ки дар нашрияҳои шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз руйи мазуи диссертатсия 16 мақола интишор гардидааст, ки 4 номгӯй аз онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**: Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, аз 174 саҳифа таркиб ёфтааст ва сохтори диссертатсия ба мантиқи кор комилан мувофиқ мебошад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Мо дар **муқаддима** дараҷаи мубрамӣ ва савияи коркард шудани проблемаи баррасишавандаро ошкор намуда, вазифаҳо ва мақсади таҳқиқот, мавзуъ, объект ва фарзияи онро муайян кардем; аҳамияти амалӣ ва назариявӣ, навгонии илмӣ, методҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқотро нишон додем, марҳилаҳои асосии таҳқиқот муайян гардида, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда таҳия карда шуданд.

Дар **боби якум** таҳти унвони «Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мо таҳлили системавии назариявии адабиёти таълимию методӣ, фалсафӣ, педагогӣ ва психологиро оид ба мавзуи баррасишаванда пешниҳод намудем., натиҷаи таҳлили муқоисавию истилоҳоти ҷузъи таркибии муҳтавоии мафҳумҳои «эҷодиёт», «салоҳияти эҷодию маърифатӣ» ва «мустақилияти эҷодию маърифатӣ»; вижагии рушди он дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ ошкор карда мешавад.

Вижагиҳо ва иқтидори системаи таҳсилоти томактабӣ дар ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ баррасӣ карда мешаванд. Амсилаи аз ҷониби муаллиф таҳияшудаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, оварда шудааст.

Дар асоси таҳлили назариявӣ ва таърихию педагогии проблемаи аз тарафи мо баррасишаванда мо ба хулосае омадем, ки хусусияти якмаъно ва бисёрҷанбаи мафҳуми «салоҳияти эҷодию маърифатӣ», бо доираи васеи

равишҳо ба ин проблема. аз тарафи омӯзгорон ва психологҳо (Н. А. Бердяев, Ю. К. Бабанский, Л. И. Ансиферова, Л. С. Виготский, С. Л. Рубинштейн, П. Ф. Каптерев, Е. В. Иленков, И. А. Зимняя, К. Юнг, В. Штерн ва дигарон) собит мешавад.

Дар синни калони томактабӣ дар бачагон имконоти мусоидтарин барои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ ба вуҷуд меоянд, ки ба он тасаввуроти фаъоли эҷодӣ, кунҷковӣ ва хоҳиши худифодаи эҷодӣ, ки хоси бачагони ин синну сол аст, мусоидат мекунад.

Ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ раванди ҳамкории субъектҳои фаъолияти таҳсилотӣ дар доираи таҳсилоти томактабӣ мебошад. Талоши гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ нисбат ба зуҳуроти мустақилият дар фаъолияти маърифатию эҷодӣ вижагии табиии инкишофи онҳо дар ин синну сол мебошад.

Дар ин давра худшиносӣ фаъолона инкишоф меёбад, ки тавассути бозӣ, меҳнат, фаъолияти иҷтимоӣ ва таҳсилотӣ зоҳир мегардад. Ивазшавии намуди асосии фаъолият дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ боиси тавсеаи ангезаҳо мегардад, ки онҳо ба системаи наздик ба ҳавасмандии калонсолон ташаккул меёбанд. Ин гурӯҳи синнусолии бачагон фаъолияти ҷанбаи бозигаридоштаи худро ба дигар намудҳои фаъолият мегузаронанд, ки дар доираи онҳо салоҳияти эҷодию маърифатӣ дар маҳсули фаъолияти онҳо ифода меёбад.

Раванди шинохти худ боиси ташаккули чунин ҷузъҳои таркибии фаъолияти эҷодӣ, аз қабили худбаҳодиҳӣ, худтаҳлилкунӣ ва худназораткунии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ мегардад, ки бевосита ба ташаккули мустақилияти онҳо ва ташаккули системаи амалҳои таълимии универсалӣ таъсир мерасонад.

Фаъолияти ҷанбаи эҷодиошта амали мустақилонаи кӯдакро пешбинӣ намуда, савияи олии ташаббус ва фаъолнокии ӯ мебошад.

Салоҳиятҳои эҷодию маърифатии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ худро аз фаъолияти мустақили репродуктивӣ тавассути унсурҳои эҷодӣ ошкор мекунанд. Ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ дар савияи зарурӣ ба кӯдак имкон медиҳад, ки намудҳои нави фаъолияти эҷодӣ, офаридани маҳсулоти навро аз худ намуда, ҳамчун шахси эҷодкор ташаккул ёбад.

Дар асоси ақидае, ки истиқлолияти эҷодию маърифатӣ яке аз хусусиятҳои асосии шахсии инсон буда, эҷодкорӣ мавҷудияти навгонии субъективиро пешбинӣ мекунад, метавон гуфт, ки салоҳияти эҷодию маърифатии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ сифати шахсии дорои хусусияти ҷамъбастшуда мебошад ва он ҷанбаи ангезавӣ, қобилияти ҷудо кардани вазифаи эҷодӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли онро тавассути худназораткунӣ ва худтанзимкунӣ дар бар мегирад.

Ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ раванди тағирёбии шахсии кӯдак таҳти таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна мебошад.

Дар ҳар як кӯдак салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ ба таври инфиродӣ зоҳир мешаванд, ки бо вижагиҳои инкишофи равонию синнӣ: савияи отифавӣ, дарккунӣ, шавқу рағбат ба намуди мушаххаси фаъолият, қобилияти дарки ҳамаҷониба ва ғайра муайян карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки салоҳияти эҷодию маърифатӣ хислати шахсиятии кӯдак буда, қобилияти худташкилкунӣ ва худамалисозии ӯро муайян мекунад.

Иқтидори педагогӣ ва иҷтимоии системаи муосири таҳсилоти томактабӣ ба ташаккули истиқлолияти эҷодии бачагон дар шароити фаъолияти онҳо дар доираи иттиҳодияҳои эҷодии бачагон нигаронида шуда, бояд интихоби озоди фаъолияти эҷодиашонро таъмин намуда, талабот ва шавқу рағбатҳои онҳоро қонеъ гардонад ва ба худмуайянкунӣ ва худинкишофёбии кӯдак мусоидат намояд.

Ба туфайли фазои эҷодӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ кӯдак қобилиятҳои худро осонтар ошкор мекунад, сифатҳои беҳтарини шахсии худро инкишоф медиҳад, ба меҳнат, эҷодкорӣ ва фаъолияти маърифатӣ саъй мекунад, салоҳиятҳои барои ин кор заруриро ташаккул медиҳад. Ба туфайли ҳаракатнокӣ ва тағйирпазирии таҳсилоти муосири томактабӣ муяссаргардонии талаботи зудтағйирёбандаи ҷомеаи муосир, фароҳам овардани шароити мусоид барои худамалисозии инфиродии кӯдакфавран қонеъ карда шавад.

Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ки ҳамчун ниҳодҳои мустақил ҳисобида мешаванд, бо вижагиҳои зерин тавсиф мешаванд

- сохтани маҳруки инфиродии таълиму тарбиявӣ барои ҳар як кӯдак ва амалисозии он;

- ҷанбаи аҳамияти шахсидоштаи фаъолияти дорои хусусияти таълиму тарбиявӣ ва инкишофдиҳанда;

- фаъолгардонии ҷанбаи ангезавӣ нисбат ба фаъолияти эҷодии бачагон тавассути хусусияти чандирии ҷузъҳои таркибии раванди таҳсилот, ки ба қонеъ гардонидани талабот ва шавқу рағбатҳои маърифатии онҳо нигаронида шудааст;

- имконоти кофии замонӣ, ки имкон медиҳад, шаклҳо ва намудҳои фаъолияти эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ ба таври васеъ фарқ карда, вазифаҳои эҷодиро вобаста ба дараҷаи мураккабии онҳо бо назардошти қобилият, хоҳиш ва манфиатҳои кӯдак фарқ кунанд;

- фазои ғайрирасмӣ ва озод дар ҷараёнираванди таълиму тарбия.

Мо зарурати таҳия ва татбиқи амалии амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ ва эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабиро дар шароити муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ асоснок намудем.

Амсилаи пешниҳодкардаи мо чор бахшро дар бар мегирад, ки ба ҳар яки онҳо вазифаи мушаххас хос мебошад: ба бахши методологӣ вазифаи пешгӯӣ, ба бахши технологӣ вазифаи афзорӣ хос буда, вазифаи лоиҳавию тарроҳиро бахши муҳтавоӣ ва бахши меъёрию-баҳодиҳӣ вазифаи баҳодгузорӣ ва ташхисро иҷро мекунад.

Принсипҳои асосии дидактикиро, ки ба онҳо ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ асос ёфтааст, мо ба се навъ тақсим кардем: иҷтимоию психологӣ, ташкилию фаъолиятӣ ва умумиетодологӣ.

Барои таъмини раванди самарабахши ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ҳамгироии равишҳои методии салоҳиятнокӣ, фарҳангшиносӣ, аксиологӣ, субъектию фаъолиятӣ ва системавӣ зарур аст.

Амалисозии равишҳои мазкур имкон медиҳад, ки ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ ба доираи системаи салоҳияти умумии шахсии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дохил карда шавад.

Ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодиро метавон ҳамчун як ягонагии ҷузъҳои таркибии амалӣ, муҳтавоӣ ва ангезавии ба ҳам алоқаманд баррасӣ кард, ки барои фаъолияти мақсадноки самарабахши дорои ҷанбаи педагогӣ имкон медиҳанд. Бо ёрии нишондиҳандаҳои тасвибшудаи ҷузъҳои таркибии интихобшуда мо метавонем савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодиро дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ муайян кунем.

Бахшҳое, ки сохтори амсиларо ташкил медиханд, бо хамдигар дар робитаи зич амал мекунанд: хангоми тағйир ёфтани ин ё он ҷузъи таркибии амсила, вазифаҳо ва ҷузъи таркибии муҳтавоии бахшҳои дигар тағйир меёбанд.

Дар чаҳорчӯби бахши методологӣ ҳамгироии равишҳо ва принсипҳои педагогӣ ба вуқуъ меояд, ки сатҳи зарурии тағйирпазирии тамоми амсиларо таъмин мекунанд. Бахши мазкур заминаи методиро дар бар мегирад, ки барои таҳияи таъминоти методӣ ва барномавии фаъолияти эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ зарур аст.

Фаъолияти мустақилонаи эҷодии махсус ташкилкардашудаи бачагон бо риояи як қатор шароити педагогӣ ба мо имкон медиҳад, ки савияи самараи амалкарди амсилаи аз тарафи мо таҳияшударо пешгӯӣ намоем.

Ба бахши муҳтавоӣ вазифаи таъминоти меъёрии ҳуқуқии фаъолияти таълиму тарбиявӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ, инчунин оид ба таҳияи тамоми марҳилаҳои барномаи таҳсилоти томактабии дорои хусусияти умумии рушд мебошад, вогузор шудааст.

Бахши технологӣ маҷмӯи афзорҳоеро (технологияҳо, методҳо, шароит ва шаклҳо) дар бар мегирад, ки имкон медиҳанд, гуногунии фаъолияти эҷодию бадеии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таъмин карда шаванд.

Бахши меъёрию баҳодиҳӣ савияи ташаккули муҳтаво, ҷузъҳои таркибии вазъиятӣ ва амалии салоҳиятҳои маърифатию эҷодиро дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ тавсиф мекунад.

Амсилаи таҳиянамудаи мо, бо кушодагӣ, гуногунҷабҳа будан ва ҳаракатнокӣ тавсиф мешавад. Тағйирёбанда будани онро ҷузъи муҳтавоии барномаи таҳсилоти томактабӣ таъмин менамояд, ки ба омӯзгорон имкон медиҳад, то раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодиро дар шароити кор дар муассисаҳои гуногуни системаи таҳсилот мустақилона тарҳрезӣ ва барномаҳои таҳсилотии дорои хусусияти тағйирёбандаро мустақилона таҳия намоянд.

Мо принсипҳои асосии дидактикиеро муайян кардем, ки ба онҳо раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ асос ёфтааст. Мо онҳоро ба се навъ тақсим кардем: умумиметодологӣ, ташкилию фаъолиятӣ ва иҷтимоию психологӣ.

*Принсипи илмӣ* аз он иборат аст, ки мантиқи илмӣ бо назардошти гирифтани савияи кунунии тараққиёти илм ва умуман таҷрибаи тамаддуни ҷаҳонӣ асоси сохти ҷузъи таркибии муҳтавоии раванди таълимро мегузорад. Амалисозии принсипи илмӣ ба ҷузъи муҳтавоии ҷараёни таълим диққати махсус доданро дар назар дорад, ки он бояд ба шиносонидани бачагон бо

қонунҳои илмӣ, падидаҳо ва далелҳо, мафҳумҳо ва назарияҳои асосӣ дар соҳаҳои мушаххаси илмӣ нигаронида шавад.

2. *Принсипи робитаи назария ва амалия* зарурати дар ҳаёти ҳаррӯза истифода бурдани донишҳои андухтаи дорои хусусияти назариявиро пешбинӣ менамояд. Вижагиҳои фаъолияти гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ имкон медиҳад, ки принсипи мазкур бо самаранокии ҳадди аксар амалӣ карда шавад.

3. *Принсипи муттасилӣ ва муназзамӣ* уҳдадор мекунад, раванди таълим тавре ташкил гардад, ки кӯдак маводи таълимиро ба таври марҳилавӣ – аз содда ба мураккабтар аз худ намуда, дар омӯзиши маводи нав ба донишҳои қаблан доштааш такя кунад.

4. *Принсипи фаъолнокӣ ва шуурнокӣ* зарурати аз тарафи бачагон возеҳу дақиқ дарк намудани вазифаҳо ва мақса дҳоеро, ки ба онҳо дар натиҷаи фаъолият ноил шудан лозим аст, дар назар дорад. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки тафаккури худро инкишоф дода, амалҳои универсалии таълимии дорои хусусияти танзимкунандаро ташаккул диҳанд. Принсипи мазкур, махсусан ҳангоми истифода бурдани методҳои педагогии таҳқиқотӣ, проблемавӣ, ҷустуҷӯӣ самаранок амалӣ мегардад. Аллакай дар марҳилаи таҳлил ва банақшагирии кори оянда, бачагон сохтори фаъолияти минбаъдаро дарк мекунанд. Бачагони синни томактабӣ бояд аҳамияти кори худро дарк кунанд, тасаввур кунанд, ки натиҷаҳои онро дар ҳаёт чӣ гуна истифода бурдан мумкин аст.

5. *Принсипи аёният* ба вижагиҳои тафаккури гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ (бартарияти тафаккури басарию тимсолӣ) асос ёфтааст. Ҳамин тариқ, ҳангоми ташкили фаъолияти эҷодии бачагони синни томактабӣ, пеш аз ҳама, бояд ҳамин вижагиҳоро ба назар гирифта, раванди таълимро на ба мафҳумҳои абстрактӣ, балки ба тимсолҳои мушаххас такя намуд.

6. Ҳангоми татбиқи *принсипи дастрасӣ* бояд вижагиҳои инфиродӣ ва синнусолии бачагон ба инобат гирифта шаванд.

Тасвиби амсилаи аз тарафи мо тартибдодашуда бо назардошти ҳамин принсип дар доираи татбиқи барномаи умумиинкишофӣ гузаронда шуд. Гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ маҳорати чунин намудҳои корро азхуд карданд, ки ба ақидаи муаллиф барои марҳилаҳои ибтидоии таълими фаъолияти эҷодию бадеӣ бештар мувофиқанд: инҳо кор бо пластилин, оригами, аппликатсия ва ғайра мебошанд

7. Риоя кардани *принсипи фардикунонии* раванди таҳсилот дар назар дорад, ки ҳангоми банақшагирии раванди таълим вижагиҳои инфиродии ҳар як кӯдак: шавқу рағбат, эҳтиёҷот, қобилиятҳои эҷодию зеҳнӣ ва ғайра ба назар гирифта мешавад. Дар шароити муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои ҳадди аксар амалӣ намудани ин принсип тамоми шароит мавҷуданд:

-нақшаҳои таълимии инфиродӣ тартиб дода мешаванд;

- бачагон аз озодии интихоби ҷузъҳои гуногуни фаъолияти маърифатию эҷодӣ бархӯрдоранд (техникаи иҷро, мавзуъҳои машғулиятҳо, намуд ва самти онҳо);

- системаҳои амалҳои универсалии таълимӣ ташаккул меёбанд;

- бачагони боистеъдод ва лаёқатнок муайян карда шуда, ба онҳо ҳама гуна кӯмак расонида мешавад;

- ба хар як кӯдак ёрии инфиродии педагогӣ расонида мешавад;

- дар раванди фаъолияти эҷодию таҳсилотӣ дар бачагон худбаҳодиҳии мувофиқи натиҷаҳои фаъолияти худ ташаккул дода мешаванд.

Барои амалисозии амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳамгироии салоҳиятнокӣ, фарҳангшиносӣ, аксиологӣ, субъектию фаъолиятӣ ва равишҳои методологии системавиро таъмин намудан зарур аст.

Дар **боби дуюм**и диссертатсия, ки ***«Кори озмоишӣ оид ба татбиқи шароитҳои ташкилию педагогӣ ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон»*** ном дорад мо ҷараёни тасвиби таҳқиқоти таҷрибавиро тавсиф намудем, ки дар чаҳорчӯбаи он амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти томактабӣ тасвиб гардида буд. Меъёру нишондиҳандаҳое муайян карда шуданд, ки барои арзёбии сатхи ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ заруранд, инчунин шароити педагогие, ки таъмини самаранокии раванди мазкурро дар муассисахои таҳсилоти томактаби имконпазир месозанд. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ амалӣ гардида, тавсияҳое, ки мо оид ба таҳияи барномаҳои таҳсилоти томактабии дорои ҷанбаи умумиинкишофӣ таҳия намудаем, пешниҳод карда мешаванд.

Таҳқиқоти озмоишӣ бояд масъалаҳои зеринро ҳал мекард:

1) муайянкунии ҳавасмандии бачагони синни томактабӣ нисбат ба фаъолияти эҷодӣ;

2) меъёру нишондиҳандаҳоеро, ки барои арзёбии савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ заруранд, нишон дода шаванд;

3)ошкорсозии савияи ибтидоии ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии иштирокдорони таҳқиқоти таҷрибавӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастомада дар чаҳорчӯбаи марҳилаи муайянкуанда;

4) муайян намудани он ки мо нақша дорем,ки дар натичаи таълими инкишофдиҳанда ба кадом натиҷаҳои фаннӣ, метафаннӣ ва шахсиятӣ ноил мешавем;

5) тасвиби шароити педагогӣ ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (дар доираи марҳилаи ташаккулдиҳанда);

6) дар чаҳорчӯбаи марҳилаи назоратӣ муайянкунии савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии иштирокдорони таҳқиқоти таҷрибавӣ;

7) натиҷагирӣ аз таҳқиқоти таҷрибавӣ;

8) тартиб додани тавсияҳо оид ба коркарди нақшаи таълимӣ ва лоиҳакашии фаъолияти педагогӣ.

Дар раванди корҳои таҳқиқотӣ мо нишондиҳандаҳоеро таҳия ва тасниф кардем, ки ба ҷузъҳои таркибии амалӣ, мухтавоӣ ва ангезавӣ мувофиқат мекунанд, онҳо имкон медиҳанд, то савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ муайян намоем. Арзёбӣ аз рӯйи системаи савиявӣ (савияи паст, миёна ва баланд) бо истифода аз нишондиҳандаҳои

зерини ташхисӣ гузаронида шуд: савияи зуҳуроти инфиродӣ, савияи амалишавии ғояи эҷодӣ, маҳсулнокии фаъолияти эҷодӣ, асолати ғоя, интихоби мавод ва воситаҳо.

Бо истифода аз таҳлили корҳои эҷодӣ дар чаҳорчӯбаи марҳилаи назоратӣ, мо савия ибтидоии ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабиро дар гурӯҳҳои озмоишӣ (намудори тарафи чап) ва назоратӣ (намудори тарафи рост) муайян кардем.







**Расми 1.** ***Диаграммаҳои муқоисавии марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш***

Тавре ки натиҷаҳои ташхис нишон доданд, дар марҳилаи ибтидоӣ танҳо якчанд нафар бачагон савияи баланди салоҳиятҳои маърифатию эҷодиро нишон доданд.

Илова бар ин, мо проблемаҳоеро муайян кардем, ки бачагон дар ҷараёни амалисозии фаъолияти эҷодӣ ба онҳо дучор меоянд:

- мушкилоти банақшагирӣ, назорат ва тасҳеҳи мустақилонаи фаъолияти худ;
- душвориҳои риояи шартҳои муқарраршуда дар раванди ҳалли масъалаҳои эҷодӣ;
- проблемаҳои нигоҳ доштани шавқу рағбати устувор ба амалисозии фаъолияти эҷодӣ;
- душвориҳои азхудкунии малакаҳои нави меҳнатӣ дар савияи зарурӣ;
- майл надоштан ба иҷрои корҳои меҳнатталаб ва мураккаб;
- сатҳи нокифоя дар зуҳуроти фардияти худ, дар ҷустуҷӯи роҳҳои ғайриқолабии иҷрои вазифаҳои дар назди кӯдак матраҳбуда

Проблемаҳои дар боло зикршуда аз ташаккули нокифояи амалҳои универсалии таълимии дорои хусусияти танзимкунанда шаҳодат медиҳанд, ки салоҳияти эҷодию маърифатӣ ба ҷумлаи онҳо мансубанд.

Татбиқи амсилаи таҳиякардаи мо фаъолияти бонизоми марҳила ба марҳила барои ташаккули ҷузъҳои таркибии амалӣ, муҳтавоӣ ва ангезавии салоҳияти маърифатию эҷодиро дар назар дорад.

Фаъолияти педагогӣ оид ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ иҷрои як қатор шароити педагогиро пешбинӣ мекунад:

- фароҳам овардани фазои муваффақиятнок;
- ҳавасмандкунии бачагон ба фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ;
- корбурди методҳои фаъолияти дорои хусусияти таҳқиқотӣ;
- истифодаи шаклҳои лоиҳавӣ, дастаҷамъӣ, гурӯҳӣ ва инфиродии

фаъолияти эҷодӣ;

- ба бачагон додани ҳуқуқи озодона интихоб кардани намудҳо ва самтҳои фаъолияти дорои хусусияти эҷодию маърифатӣ.

Раванди таҳсилот тавре ба роҳ монда шуда буд, ки ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ пайваста ва тадриҷан сурат гирад. Ҳангоми азхудкунии усулҳои гуногуни кор, дар баробари рушди малакаҳои хуби ҳаракатӣ, бачагон тасаввуроти худро дар бораи ашё ва падидаҳои ҷаҳони атроф ғанӣ мегардонданд, таҷрибаи худро пурра мекарданд, худро ҳамчун субъектҳои фаъол идрок мекарданд, ки он ба тағйир додани воқеияти атроф мусоидат мекунад.

Дар ҷараёни машғулиятҳои эҷодӣ мо тақрибан ҳамаи унсурҳои фаъолияти таҳсилотиро амалӣ кардем: мақсадгузории кор, банақшагирӣ, назорат ва тасҳеҳи фаъолияти худ, ҳалли вазъиятҳои проблемавӣ, дарёфти роҳҳои ғайриоддии расидан ба ҳадафҳо, баҳодиҳии мувофиқи фаъолияти худ ва таҳлили он.

Истифодаи технологияи ҳамкорӣ имкон дод, ки салоҳиятҳои иртибототии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ ба таври назаррас инкишоф дода шаванд: онҳо гуфтушунид карданро омӯхтанд, малакаҳои банақшагирии муштарак ва тақсимоти вазифаҳоро дар раванди кори дастаҷамъона ба даст оварданд ва таҷрибаи ҳамкории бидуни низоъро бо ҳамсолон ва калонсолон пайдо карданд.. Дар баробари ин, омӯзгор ҳамчун сарпарасти фаъолияти бачагони синни томактабӣ, мураббии онҳо хизмат карда, дар ҳалли вазъиятҳои баҳснок ба онҳо кӯмак расонида, фаъолияти онҳоро ба самти дуруст роҳнамоӣ мекард.

Марҳилаи назоратии таҳқиқот иҷрои супоришеро дар бар мегирифт, ки дар ҷараёни он бачагон бояд афсонаеро бо қаҳрамонҳое, ки пешакӣ дода шуда буданд, эҷод намуда, онро мусаввар месохтанд.

Корҳои эҷодии дар марҳилаи назоратӣ анҷомдодашуда, аз рӯйи худи ҳамон нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ, ки дар марҳилаи муқарраркунанда истифода шудаанд, баҳогузорӣ карда шуданд. Дар расми 2 мо натиҷаи таҳлили корҳои эҷодиро дар гурӯҳҳои озмоишӣ (аз тарафи чап) ва назоратӣ (аз тарафи рост) пешниҳод намудем.







**Расми 2.** ***Намудорҳои муқоисавии марҳилаи назоратии озмоиш***

Ҳангоми муқоисаи ҳарду намудор мо мебинем, ки дар гурӯҳи озмоишӣ бачагоне нестанд, ки савияи пасти ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодиро нишон дода бошанд. Дар ин гурӯҳ 22% иштирокдорони таҷриба савияи баланди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодиро нишон доданд, дар ҳоле

ки нишондиҳандаи мазкур барои гурӯҳи назоратӣ ҳамагӣ 5%-ро ташкил медод. Бачагони дорандаи савияи миёнаи ташаккули сифати баррасишаванда дар гурӯҳи озмоишӣ 78 % ва дар гурӯҳи назоратӣ 86 %-ро ташкил доданд.

Натиҷаҳое, ки дар доираи марҳилаҳои муқарраркунанда ва назоратии таҳқиқоти таҷрибавӣ ба даст оварда шудаанд, имкон медиҳанд, ки тағйироти сифатиро дар сатҳи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар шароити таълим дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ муайян карда шавад. .

Натиҷаҳои бадастовардаи мо дар асоси марҳилаҳои муқарраркунанда ва назоратии озмоиш аз тағйироти мусбати сифатӣ дар савияи рушди қобилиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳанд.

**Ҷадвали 1.** ***Натиҷаи ниҳоии озмоиш***

| *Гурӯҳи назоратӣ* | | | |
|---|---|---|---|
| **Марҳила** | **Савияи паст (%)** | **Савияи миёна (%)** | **Савияи баланд (%)** |
| Муқарраркунанда | 82 | 15 | 4 |
| Назоратӣ | 9 | 87 | 5 |
| Тағйироти сифатӣ | ба 73 коҳиш ёфт | ба 72 афзуд | ба 1 афзуд |
| *Гурӯҳи озмоишӣ* | | | |
| Муқарраркунанда | 62 | 24 | 12 |
| Назоратӣ | 0 | 79 | 21 |
| Тағйироти сифатӣ | ба 62 коҳиш ёфт | ба 55 афзуд | ба 19 афзуд |

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки дар ҳар ду гурӯҳ тағйироти назаррас дар рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагони синни томактабӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар ҳайати гурӯҳи озмоишӣ бачагоне боқӣ намонданд, ки савияи пасти рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ дошта бошанд, дар ҳоле ки шумораи бачагони дорои савияи миёна ба андозаи 53% ва шумораи бачагони дорои савияи баланди рушди салоҳияти баррасишуда ба андозаи 10% афзудааст. Мо дар гурӯҳи назоратӣ низ динамикаи мусбатро мушохида кардем. Аммо шумораи бачагоне, ки савияи баланди рушд нишон доданд, ҳамагӣ 1% афзоиш ёфт ва як қисми бачагон пас аз як сол дар ҳамон савияи паст боқӣ монданд.

Ҳангоми таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ мо ошкор сохтем, ки бачагони гурӯҳи озмоишӣ дар савияи рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ тағйироти назаррасро аз сар гузаронидаанд. Чунончи, шумораи бачагони синни томактабии дорои савияи баланд ва миёна хеле афзоиш ёфт, дар ҳоле ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ бачагони дорои савияи рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ умуман боқӣ намонданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавиро ҷамъбаст намуда, мо ба хулосае омадем, ки дар охири соли таҳсил бачагони синни томактабӣ тавонистанд ҷанбаҳои зеринро такмил ё афзоиш диҳанд

-дараҷаи азхудкунии маҳоратҳо, малакаҳо ва донишҳои дорои хусусияти ороишӣ ва бадеидошта;

-савияи мустақилияти маърифатию эҷодӣ дар раванди интихоби мақсаду

вазифаҳо, банақшагирӣ ва амалисозии кори эчодӣ;

- малакаҳои амалисозии нақшаҳои эҷодии худ;
- қобилияти зоҳир кардани фардияти худ дар амалисозии фаъолияти эҷодӣ;
- зухуроти ташаббус дар ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳалли проблемаҳое, ки дар назди онҳо истодаанд, тарзу усулҳои нави кор дар тайёркунии маснуоти нав;
- қобилият ва хоҳиши муроҷиат ба мавод, воситаҳо ё манбаъҳои иттилоот;
- шавқ у рағбат ба намудҳои гуногуни эҷодкорӣ;
- савияи сифати маснуоти тайёршаванда.

Натиҷахои таҳқиқот, инчунин таҷрибаи дар кори таълиму тарбия андухташуда ба мо имконият доданд, ки барои марҳила ба марҳила татбиқ намудани барномаи таҳсилоти гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ тавсияҳо тартиб диҳем. Мо пешниҳод менамоем, ки марҳилаҳои зерини таҳияи барномаи таҳсилотӣ ҷудо карда шаванд:

1. коркарди консепсияи умумӣ;
2. коркарди ҷузъи таркибии муҳтавоӣ;
3. таҳияи мавод ва шаклҳои баҳодиҳӣ ва аттестатсионӣ;
4. муайян кардани шароити педагогӣ ва ташкилии зарурӣ барои амалисозии барнома.

Таҳияи барномаи таҳсилоти томактабӣ бояд аз муайян кардани консепсия, ҳадафҳо ва вазифаҳои ниҳоии он оғоз шавад. Барнома метавонад хусусияти касбӣ, пешазкасбӣ ё умумиинкишофӣ дошта бошад. Аз рӯйи самтгирии худ барномаҳо табиатшиносӣ, техникӣ, бадеӣ, иҷтимоию педагогӣ, кишваршиносӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва гайра мешаванд.

Барномаи дорои хусусияти умумииинкишофӣ, ки аз ҷониби мо таҳия шудааст, дорои самти бадеӣ бо мақсади баланд бардоштани савияи салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ мебошад. Хусусияти хоси барнома дар он аст, ки бачагон дар як вақт намудҳои гуногуни ҳунари ороишию амалиро меомӯзанд. Бачагони синни томактабӣ маҳорати кор кардан бо пахол, пластилин, маводи хушки табииро аз худ карда, бофтан, намадрезӣ, кор кардан бо мухраҳо ва дигар корҳоро меомӯзанд.

Барнома бояд ҳатман нишон додани синну соли бачагоне, ки кор барои онҳо пешбинӣ шудааст, инчунин давомнокии онро низ дар бар гирад. Натиҷаҳое, ки баъди ба амал баровардани он ба даст оварда мешаванд, бояд муфассал баён карда шаванд.

Ба ақидаи мо бачагони синни томактабй бояд махорату малакахои гуногуни фаъолияти эчодию бадеиро азхуд кунанд, ки ба давраи муайяни синну сол мувофиқ бошанд. Мунтазам тағйир додани усул ва маводи кор метавонад ҳавасмандии бачагонро ба фаъолияти маърифатию эҷодӣ хеле баланд бардорад, тасаввурот ва тахайюлоти онҳоро инкишоф диҳад, доираи ҷаҳонбинии онҳоро васеъ ва майли онҳоро ба фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ ташаккул диҳад.

Ҳангоми таҳияи барномаи таҳсилот бояд мубрамии он, инчунин вазифаҳои умумӣ ва ҳадафҳои таълимиро нишон дода шавад.

Мо малакаҳо, маҳоратҳо, қобилият ва донишҳоеро, ки бачагон дар раванди таҳсилот ба даст меоранд, ҳамчун вазифаҳои таълимӣ мешуморем. Масалан, ба инҳо: дар бачагон ташаккул додани тасаввуроти умумӣ дар бораи нақши санъат ва ҳунар дар ҳаёти инсон, шиносоӣ бо асосҳои техникаи бехатарӣ

ҳангоми кор бо асбобхои буранда ва сӯрохкунанда, азхуд намудани техника ва усулҳои гуногуни коркарди дастии маводи гуногун; аз худ намудани усулҳои гуногуни кор: пластилинография, пунбанигорӣ, тарроҳӣ, декупаж, аппликатсия ва ғайра дохил мешаванд

Мо ҷиҳатҳои гуногуни тарбияи меҳнатию эстетикӣ, ташаккули сарватҳои ахлоқӣ ва фарҳангии бачагонро вазифаҳои тарбиявӣ мешуморем. Масалан, мо вазифаҳои тарбияро барои дар бачагони синни томактабӣ тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ташаккул додани мафҳумҳои арзишҳои маънавию созандаи меҳнат барои ҷомеа ва инсон, тарбияи фарҳанги бадеӣ, эҳтиром ба меҳнати дигарон ва ғайра ҳисоб мекунем.

Марҳилаи навбатии кор таҳияи ҷузъи таркибии муҳтавоии барнома мебошад, ки чун қоида, дар шакли ҷадвали тақвимӣ ва нақшаи вобаста ба барномаи таълимию мавзуӣ пешниҳод карда мешавад. Барномаи таълимӣ мавзӯъҳо ва фаслҳои раванди таҳсилотро бо нишон додани соатҳои таълимие, ки барои машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ ҷудо карда шудаанд, дар бар мегирад.

Дар ҷадвали зер мо тарҳи тахминии нақшаи таълимию мавзуиро нишон додем.

**Ҷадвали 2.** ***Намунаи нақшаи таълимию мавзуӣ***

| № | Номи бахшҳо ва Мавзуъҳо | Шумораи соатҳои таълимӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Машғулиятҳои назариявӣ | Машғулиятҳои амалӣ | Назорат ва аттестатсия | Ҳамагӣ |
| 1 | Машғулияти муқаддимавӣ | | | | |
| 2 | Сарлавҳаи фасл | | | | |
| 2.1 | Номи мавзуъ | | | | |
| | Машғулияти ҷамъбастӣ | | | | |
| Дар маҷмуъ | | | | | |

Ҷадвали тақвимӣ санаҳои оғоз ва анҷоми давраи таҳсил, иттилоот дар бораи микдори ҳафтаҳо ё рӯзҳои таҳсил, санаҳои машғулиятҳои беруна ва аттестатсияҳо дар марҳилаҳои гуногуни таҳсилро дар бар мегирад.

Менбаъд ҳар як фасли иборат аз машғулиятҳои амалӣ ва назариявӣ, инчунин намудҳои назорат ва аттестатсия барои ҳар як фасл ё мавзӯъ тавсиф карда мешаванд.

Маводи баҳодиҳӣ ва намудҳои аттестатсия: Дар ҷараёни амалисозии барномаи таълимӣ шаклҳои зерини назоратро истифода намудан мумкин аст: ташхисӣ, ҷорӣ, фосилавӣ ва ҷамъбастӣ.

Барои баҳодиҳии натиҷаҳои таълим мо меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои махсуси такмилдиҳии қобилияти бачагони синни томактабиро тартиб додаем, ки онҳоро бо холҳо ифода кардан мумкин аст.

Дар мархалаи нихоии коркарди барнома шароити педагогӣ ва ташкилии зарурӣ барои ичрои он муайян карда мешаванд. Онҳо аз таъминоти иттилоотӣ, таълимию методӣ ва моддию техникӣ иборатанд.

Мо таҳти мафҳуми таъминоти иттилоотӣ ва таълимию методии барнома маҷмӯи маводи заруриро барои амалисозии он дар назар дорем. Дар ҳолати мо инҳо метавонанд ҷадвалҳо, лавҳаҳо, макетҳо, ҷинсҳои кӯҳӣ, маводи таълимию

методӣ , дастурҳо ва ғайра бошанд.

Ба вижагиҳои методии амалисозии барнома технологияҳо, методикаҳо ва шаклҳоеро дохил мекунем, ки дар ҷараёни ташкили фаъолияти таълиму тарбиявии рушдкунанда дар чаҳорчӯбаи барнома истифода мешаванд.

Ба андешаи мо, марҳилаҳои коркарди барномае, ки мо муайян намудем, ба омӯзгор имкон медихад, ки нақшаи худро моҳирона амалӣ гардонад, то ки он ба талаботи таҳсилоти томактабӣ пурра ҷавобгӯ бошад.

Дар хотимаи фасли ба таҳияи барномаи таълимӣ бахшидашуда мо уҳдадорем, имкониятҳоеро зикр кунем, ки ҳангоми истифодаи таҷрибаи бузурги андӯхтаи омӯзгорони наслҳои пешин дар кори ташкили муассисаҳои томактабӣ, коркарди методикаҳои сершумор оид ба ташкили фаъолияти маърифатию эҷодии бачагони синни томактабӣ, истироҳати фаъолонаи онҳо, инкишофи ҳаматарафаи сифатҳои шахсии онҳо кушода мешаванд. Мутахассис-омӯзгори баландихтисос қабл аз таҳия ва тасвиби методикаҳо ва технологияҳои нави педагогӣ, ҳатман таҷрибаи пешгузаштагони худро меомӯзад, дар фаъолияти минбаъдаи худ намунаҳои беҳтарини онро истифода мебарад, дар мавриди зарурат онҳоро ба талаботи замон мувофиқ мегардонад.

Ҳангоми ҷамъбасти боби хотимавӣ, бояд қайд кард, ки нақши аввалиндараҷаро дар такмили салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ роҳнамоии баландихтисоси мураббӣ мебозад, ки дар фаъолияти мунтазами таълиму тарбиявии ҳаррӯзаи ӯ зоҳир мегардад ва аз инҳо иборат аст:

- таҳияи ҷузъи таркибии муҳтавоӣ ва банақшагирии раванди таҳсилот, ки ба такмили салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагон нигаронида шудааст;
- фаъолият оид ба ташкили фаъолияти мунтазами маърифатию эҷодии бачагони синни томактабӣ;
- истифодаи доираи васеи воситаҳо ва шаклҳои таълим бо мақсади ба фаъолияти мустақилонаи маърифатию эчодӣ ҳавасманд гардонидани бачагони синни томактабӣ;
- ташкил ва ба амал баровардани сарпарастӣ ва назорати мунтазами тарбиявӣ аз болои фаъолиятибачагон, ба онҳо ҳамаҷониба расондани ёрӣ, дар байни бачагон ташкил намудани назорати байниҳамдигарӣ, ки тадриҷан ба худидоракунӣ табдил меёбад.

Дар раванди таҳқиқоти озмоишӣ мураббиён фазои махсуси инкишофдиҳандаро ба вуҷуд оварданд, ки ба хоҳиши кӯдак ҷиҳати нишон додани фаъолияти маърифатӣ мусоидат мекунад, ки ба шавқу рағбатҳои ӯ мувофиқат дорад,. Дар шароити чунин фазо бачагони синни томактабӣ малакаҳои фаъолияти мустақилона, инчунин қобилияти ҳамкорӣ карданро ҳам бо ҳамсолони худ ва ҳам бо калонсолон азхуд мекунанд.

Ҳамзамон, фазои рушддиҳанда ба инкишофи нерӯи эҷодӣ дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ мусоидат мекунад, тахайюлот ва тасаввуроти онҳоро фаъол мекунад.

Истифодаи фаъолонаи технологияи ҳамкорӣ, таълими мутақобил дар рушди малакаҳои иртибототии бачагон, қобилияти бидуни низоъ ҳаллу фасл намудани вазъиятҳои проблемавӣ, муошират самаранок бо одамони дигар ва ба кори гурӯҳии дастаҷамъӣ нақши назаррас дошт. Дар баробари ин омӯзгор ҳамчун сарпарасти фаъолияти маърифатию эҷодии бачагони синни томактабӣ,

мураббии онҳо баромад карда, фаъолияти онҳоро ба самти дуруст равона мекард.

Дар чаҳорчӯбаи машғулиятҳои эҷодӣ мо ҳамаи унсурҳои фаъолияти таҳсилотиро амалӣ намудем: муайян кардани вазифа ва ҳадафҳои кор; банақшагирӣ, назорат ва тасҳеҳи фаъолияти онҳо; ҷустуҷӯи самтҳои ғайристандартӣ барои ҳалли мушкилоти дар назди кӯдак қарордошта; қобилият ба ҳалли вазъиятҳои проблемавӣ; маҳорати баҳодиҳии дуруст ба фаъолияти худ ва ғайра.

Натиҷаҳои марҳилаи назоратии таҳқиқоти озмоишӣ самаранокии амсилаи аз ҷониби мо таҳиягардидаи салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ намуданд. Дар натиҷаи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки иштирокдорони гурӯҳи таҷрибавӣ дар ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии худ тағйироти назаррасро нишон доданд.

Таҷрибаи педагогиии андухтаи мо, инчунин ин таҳкикоти мазкур имкон дод, ки барои ба таври марҳилавӣ коркард намудани барномаи таҳсилоти гурӯҳи бачагони синни калони томактабй тавсияҳо таҳия карда шавад. Мо марҳилаҳои зерини таҳияи ин барномаро муайян ва ошкор намудем: коркарди консепсия, таҳияи ҷузъи таркибии мухтавоӣ таҳияи шаклумаводи баҳодиҳӣ ва аттестатсия, муайян кардани шароити педагогӣ ва ташкилии зарурӣ барои татбиқи барнома.

Умедворем, ки тавсияҳои таҳиякардаи мо битавонанд ба мураббиён барои бомуваффақият амалӣ намудани лоиҳаҳои шахсии худ, ки ба талаботи стандартҳои муосири таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд, кӯмак расонанд.

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

1. Дар хулоса, метавон кайд намуд, ки дар махзани дидактикии муосир воситахои сершумори педагоги барои инкишофи салоҳиятҳои эҷодию маърифатии бачагони синни томактаби мавчуданд. Зимнан, омӯзгори ботаҷриба имкон дорад, ки методикаҳои анъанавиро, ки дер боз самаранокии худро собит кардаанд, бо навтарин дастовардҳои техникӣ ва педагогӣ, ки ба ситезаҳои замони муосир ҷавобгӯ мебошанд, пайванд диҳад [16-М].

2. Таркиби амалҳои универсалии таълимии дорои ҷанбаҳои эҷодию маърифатӣ ҷузъҳои таркибии ахлоқӣ, маърифатӣ, отифавӣ, вокунишӣ ва ангезавиро дар бар мегирад.

Маҷмӯи ин ҷузъҳо омилҳои асосии инкишофи кӯдаки синни калони томактабиро дар бар мегиранд, ки хусусиятҳои амалҳои универсалии таълимии ҷанбаи эҷодию маърифатидоштаи ӯро муайян мекунанд [2-М].

3. Ташаккули амалҳои универсалии таълимии дорои хусусияти эҷодию маърифатӣ дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ як масъалаи таъхирнопазири психологҳо ва омӯзгорон ба шумор меравад, зеро дар аҳамияти бузурги иҷтимоии он шакку шубҳае набошад ҳам, вале дар айни замон коркарди назариявии ҳалли он ҳанӯз фурсат мехоҳад [2-М; 3-М].

4. Фаъолияти кӯдаки синни томактабии ҷанбаи шахсиятию

инкишофидошта бояд бо гуногунрангии зиёд фарқ карда, ба ҷанбаҳои эстетикӣ, зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва амалии шахсияти ӯ таъсиррасон бошад. Муҳимтарин унсури рушди шахсияти кӯдак ҷалби ӯ ба ҳаёти фаъолонаи иҷтимоӣ мебошад, ки дар ин синну сол тавассути бозӣ, муоширати зинда ба даст меояд[12-М].

5. Бо ёрии равиши муколамавӣ, ки онро полисубъектӣ низ меноманд, ба тақвияи аҳамияти муошири кӯдак бо одамони гирду атроф – ҳам калонсолон ва ҳамсолон ноил шудан мумкин аст. Шахсият дар ҷараёни муомила бо дигар субъектҳо ташаккул меёбад, худи ӯ як унсури системаи иртибототӣ дар доираи гурӯҳи муайяни субъектҳо мебошад.

Таъсири маҷмӯии равишҳои дар боло мавриди баррасӣ қарордошта ба субъект имкон медиҳад, ки на натиҷаи фаъолияти худ, балки худи равандеро, ки яке аз унсурҳои системаи иртибототи дорои ҷанбаи иҷтимоию фарҳангӣ мебошад, дар маркази таваҷҷӯҳи худ қарор диҳад [5-М].

6. Таҳқиқоти озмоишӣ бахшида ба такмили салоҳиятҳои эҷодию маърифатии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се марҳила: муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ иборат буд.

Ин таҳқиқоти озмоишӣ ба мо имкон дод, ки масъалаҳои зеринро ҳал кунем:

- муайян намудани дараҷаи ҳавасмандии бачагон ба фаъолияти маърифатию эҷодӣ;

- муайян намудани меъёр ва нишондиҳандаҳои такмили салоҳиятҳои эҷодию маърифатии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ;

- муайян намудани савияи ибтидоии ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатии бачагон, таҳлили натиҷаҳои бадастомада дар доираи марҳилаи муқарраркунанда;

-муайян кардани натиҷаҳои таълими фаннӣ, метафаннӣ ва ҷанбаи шахсиятӣ;

- тасвиби шароити педагогӣ ва амсилаи такмили салоҳиятҳои эҷодию маърифатии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ, дар муассисаҳои томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар доираи марҳилаи ташаккулдиҳанда);

-дар доираи марҳилаи назоратӣ муайян кардани савияи ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатии бачагони синни томактабӣ;

- ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ

- коркарди тавсияҳо оид ба ташкили кори иловагии педагогӣ.

Мувофиқи вазифа ва мақсадҳои марҳилаи ташхисии таҳқиқот мо гурӯҳҳои ангезаҳои бо раванд ё ҷузъи таркибии мухтавоии таълим робитадошта, инчунин ангезаҳои манфии шахсию иҷтимоиро муайян кардем. Ҳангоми банақшагирӣ ва ташкили фаъолияти таҳсилотӣ мо асосан. ангезаи шахсии бачагонро ба роҳбарӣ гирифта, ба чунин усулҳои педагогӣ, аз қабили мубоҳиса, сӯҳбат, ба вуҷуд ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ, афсона, истифодаи унсурҳои бозӣ ва ғайра муроҷиат мекардем.

Мо нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ ва савияи инкишофи онро муайян кардем. Бо ёрии ин тавсифнома мо кори эҷодии бачагони синни томактабиро дар доираи марҳилаҳои муқарраркунанда ва назоратии таҳқиқоти таҷрибавӣ мавриди таҳлил қарор додем ва арзёбӣ намудем [10-М]..

7. Тавре аз натиҷаҳои ташхиси савияи ибтидоии ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ бармеояд, танҳо якчанд нафар бачагон ба савияи баланд мувофиқ буда, дар аксарияи онҳо савияи инкишофи ин сифат паст будааст. Мо, инчунин проблемаҳоеро муайян кардем, ки бачагон ҳангоми иҷрои корҳои эҷодӣ ба онҳо дучор меоянд:

- дар иҷрои шароити зарурбуда барои ноил шудан ба ҳадафи матраҳгардида;
- дар амалисозии банақшагирии мустакилона, назорат ва тасҳеҳи фаъолияти худ;
- нигоҳ доштани шавқу рағбати устувор ба фаъолияти маърифатию эҷодӣ;
- дар бобати ба даст овардани савияи матлуби инкишофи малакаҳои амалии меҳнатӣ;
- дар хоҳиши иқдом намудан ба иҷрои вазифаҳои мураккаб;
- дар идроки аҳамияти иҷрои босифати кори худ.

Мавҷудияти проблемаи мазкур аз савияи нокифояи инкишофи амалҳои танзими универсалии таълимӣ, ки фаъолияти эҷодию маърифатиро дар бар мегирад, гувоҳӣ медиҳад [16-М].

8. Яке аз ҳадафҳои асосии амалисозии амсилаи таҳиякардаи мо кори мунтазами марҳилавӣ оид ба рушди ҷузъҳои таркибии интихобшудаи салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ, аз қабили: ҷузъҳои амалӣ, муҳтавоӣ ва ангезавӣ буд. Фаъолияти педагогие, ки ба такмили салоҳиятҳои эҷодию маърифатии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, маҷмӯи зерини шароити педагогиро дар бар мегирад:

- ҳавасмандкунии бачагон ба кори мустақилонаи эҷодӣ;
- ташаккул додани вазъияти муваффақиятнок дар ҷараёни машғулияти таълимӣ;
- корбурди доираи васеи шаклҳои ташкили фаъолияти маърифатию эҷодӣ;
- истифодаи методҳои фаъолияти таҳқиқотӣ [10-М].

9. Корҳои таълиму тарбиявӣ тавре ба роҳ монда шуда буд, ки салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ пайваста ва ба таври марҳилавӣ инкишоф дода шаванд. Бачагони синни томактабӣ усулҳои гуногуни кор бо маводро аз худ карда, на танҳо малакаҳои хуби ҳаракатии худро инкишоф дода метавонанд, балки ҷаҳонбинии худро низ ғанӣ гардонанд, таҷрибаи нави ҳиссиро ба даст оранд ва нақши фаъоли худро дар тағйир додани олами атроф дарк кунанд [11-М].

10. Дар ҷараёни машғулиятҳои эҷодӣ унсурҳои асосии зерини фаъолияти таълимӣ татбиқ карда мешуданд: қобилияти муайян кардан ва гузоштани вазифа ва мақсадҳои кор, банақшагирӣ, назорат ва танзими фаъолияти онҳо, ҳалли бе низои вазъиятҳои проблемавӣ, маҳорати. пайдо кардани самтҳои ғайриқолабии иҷрои вазифаҳои дар назди кӯдак қарордошта, қобилияти баҳодиҳии мувофиқ ва таҳлили амали худ [1-М; 9-М].

11. Ҳангоми таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ маълум гардид, ки бачагони гурӯҳи таҷрибавӣ дар савияи инкишофи қобилиятҳои эҷодию маърифатӣ тағйироти назаррасро аз сар гузаронидаанд. Чунончи, шумораи бачагони синни томактабӣ бо салоҳиятҳои эҷодию маърифатии савияи баланд ва миёна ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, дар ҳоле ки дар гурӯҳи озмоишӣ бачагони дорои савияи пасти чунин салоҳиятҳо умуман вуҷуд надоранд [15-М].

12. Натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавиро ҷамъбаст карда, мо ба чунин хулоса омадем, ки дар охири соли таҳсил бачагони синни томактабӣ тавонистанд ҷанбаҳои зеринротакмил диҳанд ё баланд бардоранд:

-дараҷаи аз худкунии маҳоратҳо, малакаҳо ва донишҳои дорои хусусияти тарроҳӣ ва бадеӣ;

-савияи мустақилият дар раванди интихоби мақсад ва вазифаҳо, банақшагирӣ ва татбиқи кори эҷодӣ;

- малакаҳои амалисозии нақшаҳои эҷодии худ;

- қобилияти зоҳир кардани шахсияти худ дар амалисозии фаъолияти эҷодӣ;

- зуҳуроти ташаббус дар ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳалли проблемаҳое, ки дар назди онҳо қарор доранд, тарзу усулҳои нави кор дар тайёркунии маснуоти нав;

- қобилият ва хоҳиши рӯ овардан ба мавод, воситаҳо ё манбаъҳои иттилооти иловагӣ;

- шавқу рағбат ба намудҳои гуногуни эҷодиёт;

- савияи сифати маснуоти тайёршаванда.

Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин таҷрибаи дар кори таълиму тарбия андухташуда ба мо имкон доданд, ки барои марҳила ба марҳила татбиқ намудани барномаи таҳсилоти гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ тавсияҳо тартиб диҳем.

Ба андешаи мо, марҳилаҳои коркарди барномае, ки мо муайян намудем, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки нақшаи худро моҳирона амалӣ гардонад, то ки он ба талаботи таҳсилоти томактабӣ пурра ҷавоб диҳад [4-М].

## НУКТАҲОИ АСОСИИ МУҲТАВОИ ДИССЕРТАТСИЯ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ШУДААНД:

**I. *Мақолаҳои дар маҷаллаҳо (нашрияҳо)-и тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишорёфта*:**

[1-М] Мансурова Д.Қ. Бозиҳои дидактикӣ ҳамчун омили асосии инкиҳофи фикрии насли наврас /Мансурова Д.Қ. // [Матн] - Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф, силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. № 4 (32). 2020.- С.134-138. ISSN 2617-5620.

[2-М] Мансурова Д.Қ. Формирование у дошкольников учебных универсальных действий креативно позновательного характера /Мансурова Д.Қ.// [Матн] - Номаи донишгоҳ, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. № 4(69) 2020.- С.154-160. ISSN 2077-4990.

[3-М] Мансурова Д.Қ. Ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ /Мансурова Д.Қ.// [Матн] - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ, №4(36), 2021. - С.69-74. ISSN 2222-9809.

[4-М] Мансурова Д.Қ., Сабурӣ Х.М. Шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ /Мансурова Д.Қ.// [Матн] - Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон №4(45). 2022. - С.83-91 ISSN 2222-9809.

***II. Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо нашршуда:***

[5-М] Мансурова Д.Қ. Технологияҳои инноватсионӣ дар низоми кори тарбияи мактаб чун воситаи баландкунии хонандагон /Мансурова Д.Қ.//Дар

пайроҳаи илм” Хуҷанд: Саломат бошед. 2018. – С. 10-13.

[6-М] Мансурова Д.Қ. Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим /Мансурова Д.Қ.// Маводи конфренсияи илмӣ-амалии вилоятии “Масъалаҳои инкишофи қобилияти маърифатии кӯдакон” (Хуҷанд, 5-уми декабри 2019)-Хуҷанд: Саломат бошед. 2019. - С. 25-28.

[7-М] Мансурова Д.Қ. Сабаби сар задани рафторҳои агрессивӣ дар синну соли наврасӣ /Мансурова Д.Қ. //Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон, (қисми 2)Хуҷанд: Нури маърифат. 2021.- С. 211-214.

[8-М] Мансурова Д.Қ. Рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ /Мансурова Д.Қ. // Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон, (қисми 3) Хуҷанд: Нури маърифат. 2022. - С.150-152.

[9-М] Мансурова Д.Қ. Асосҳои назариявии фаъолияти маърифатию эҷодии кӯдакон /Мансурова Д.Қ.//Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон”, (қисми 3)Хуҷанд: Нури маърифат. 2022. - С.152-154.

[10-М] Мансурова Д.Қ. Шароитҳои ташкилию педагогӣ ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакон /Мансурова Д.Қ.// Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон”, (қисми 3)Хуҷанд: Нури маърифат. 2022.- С.154-156.

[11-М] Сабурӣ Х.М., Мансурова Д.Қ. Нақши муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакони синни томактабӣ /Мансурова Д.Қ.//Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон”, (қисми 3)Хуҷанд: Нури маърифат. 2022.- С.8-11.

[12-М] Мансурова Д.Қ. Таъсири бозиҳои таълимӣ дар камолоти зеҳнии томактабиён /Мансурова Д.Қ.// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масъалаҳои рушди илмҳои психология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо ва дурнамо. (Хуҷанд, 10 марти 2022) -Хуҷанд: Нури маърифат. 2022.- С.12-15.

[13-М] Мансурова Д.Қ. Нақши оила дар ташаккули малакаҳои ҳамкории иҷтимоӣ дар кӯдакони синни томактабӣ /Мансурова Д.Қ.// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масъалаҳои рушди илмҳои психология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо ва дурнамо. (Хуҷанд, 12 марти 2022) - Хуҷанд: Нури маърифат. 2022.- С.16-19.

[14-М] Мансурова Д.Қ. Омилҳои бозмонии инкишофи зеҳнии кӯдак /Мансурова Д.Қ.// Технологияҳои рушди таълиму тарбия дар шароити таҳсилоти фарогир(инклюзивӣ)”(қисми 2) - Хуҷанд: СИ Файзибоев М.М. “Меъроҷ”. 2022. - С.62-68. (дар ҳаммуаллифӣ).

[15-М] Мансурова Д.Қ. Педагогические условия формирования познавательно-творческих компетенций детей /Мансурова Д.Қ. // Материалы научно-практической конференции “Фундаментальные и прикладные научные исследования в современном мире. г.Уфа, 14 февраля 2023. “НИЦ Вестник Науки” - С.265-270.

[16-М] Мансурова Д.Қ. Основные факторы развития творческо-познавательных компетенций детей /Мансурова Д.Қ. // Материалы научно-практической конференции “Фундаментальные и прикладные научные исследования в современном мире. г.Алматы, 20 февраля 2023, “НИЦ Вестник Науки” - С.65-69.

**ГОУ «ХУДЖАНДСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ АКАДЕМИКА БОБОДЖОНА ГАФУРОВА»**

***На правах рукописи***

**УДК: 373(575.3)**
**ББК: 74.100**
**М-26**

**МАНСУРОВА ДИЛРАБО КОДИРДЖОНОВНА**

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ РАЗВИТИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНО-КРЕАТИВНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ ДЕТЕЙ СТАРШЕГО ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА В УЧРЕЖДЕНИЯХ ДОШКОЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Автореферат**
**диссертации на соискание ученой степени кадидата педагогических наук по специальности 13.00.06-Теория и методика воспитания (13.00.06.01-Теория и методика дошкольного воспитания)**

**ХУДЖАНД – 2024**

Диссертационная работа выполнена кафедре дошкольного педагогики и психологии ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Furthermore Бободжана Гафурова».

| | |
|---|---|
| **Научные руководитель:** | **Сабури Хайрулло Мирзозода** - доктор педагогических наук, профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «Худжандский госумашғулияттвенный университет имени академика Бабаджана Гафурова» |
| **Официальные оппоненты:** | **Юнусова Нафисахон Муродовна** - доктор педагогических наук, профессор общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского национального университета |
| | **Курбонова Гулру Абдуалимовна** – кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры методики преподавания предметов в дошкольных, начальных и общеобразовательных учреждениях филиала «Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников образования» в городе Душанбе |
| **Ведущая организация:** | |

Защита диссертации состоится «12» сентября 2024 года, в 13:00 часов на заседании Диссертационного совета 6D.KOA-030 при Институте развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана (734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2,
Тел.: 227 62 46; 55 999 31 20).

С диссертацией можно ознакомиться в библиотеке и на сайте Институте развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана ( http://www.prmatt.tj)

**Автореферат разослан « __ » _______________ 2024 г.**

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета, к.п.н., доцент** **Котибова Ш.П**

# ВВЕДЕНИЕ

Процессы, происходящие сегодня в мире, определяют направление многих социально-экономических тенденций глобализации, в том числе и развития образования, целью которого является воспитание всесторонне развитой, творческой личности. Данное обстоятельство указывает на актуальность темы нашего исследования, так как в настоящее время в Республике Таджикистан мы наблюдаем глубокие преобразования общественной и экономической жизни, в основе которых лежат новые приоритеты, указывающие на необходимость формирования творческой личности, характеризуемой широким кругом профессиональных компетенций, обладающей независимым мышлением. Граждане страны, обладающие такими способностями, могут взять на себя ответственность за будущее страны, еѐ дальнейшее развитие.

Современное общество всегда испытывала потребность в креативных личностях, готовых к саморазвитию, реализации профессиональных целей, созданию творческих продуктов.

Развитие способностей человека к интеллектуальному творчеству интересовали учѐных с глубокой древности. Однако, наиболее пристальное внимание научного сообщества было обращено к данной проблеме с XIX века.

Человек проявляет активность, целеустремлѐнность, энергичность в определѐнной сфере деятельности, посредством которой он выражает свои способности, таланты, интерес к окружающему миру. Можно уверенно утверждать, что человек получит возможность самовыражения, проявления своей индивидуальности только в том случае, если он будет восприниматься в обществе, как личность, и будет чувствовать себя в этом обществе в безопасности.

Особое значение для развития личности имеет дошкольное образование, одной из задач которого является формирование мотивации у ребѐнка на познавательную, творческую деятельность, реализация которой учит малышей осуществлять самостоятельный поиск информации, обрабатывать и принимать на еѐ основе креативные решения.

Современное дошкольное учреждение учит детей изобретать, исследовать, осваивать новые знания, умения, навыки, формулировать свою точку зрения и свободно выражать своѐ мнение, принимать решения на основе собранной информации. Для реализации данного комплекса действий педагог-воспитатель должен уметь оценивать успешность обучающегося в овладении необходимыми знаниями, определять его сильные и слабые стороны в учебно-воспитательном процессе и на их основе формировать индивидуальную образовательную деятельность обучающегося.

Вышеизложенное свидетельствует об актуальности темы нашего исследования, направленного на поиск педагогических, организационных условий, посредством которых будет реализована авторская модель формирования у старших дошкольников познавательно-креативных компетенций в дошкольных образовательных учреждениях Таджикистана.

В современном обществе Таджикистана имеет место быть социальный заказ на человека, стремящегося к освоению новых знаний, самостоятельному поиску ответов на вопросы познания явлений природы, процессов, происходящих в обществе, экономике, политике и других сферах жизни. В связи с этим особое

значение имеют тенденции, направленные на личностное совершенствование человека, развитие у него таких качеств, как самоорганизация, самоконтроль, чувства ответственности за свои поступки, действия, желание к познавательной активности, творчеству. Решать данные задачи необходимо с самого раннего возраста.

**Степень изученности и научной разработанности темы**. Одной из самых значимых свойств личности является способность к самостоятельным, познавательно-креативным действиям. Так считают многие учѐные прошлого и настоящего (А.Н. Леонтьев, В. Штерн, И.А. Зимняя, К. Юнг, К.Д. Ушинский, Л.И. Анцыферова, Л.С. Рубинштейн, Л.С. Выготский, Н.А. Бердяев, Н.Д. Левитов, Н.Д. Левитов, П.Ф. Каптерев, Ю.К. Бабанский и др.). Сегодня данные качества имеют в обществе особую актуальность, так как современный мир быстро меняется и человек должен уметь адаптироваться к новым условиям жизни, производства, рынка труда, которому необходимы квалифицированные специалисты, способные решать задачи самостоятельно.

К потребностям современного общества относят и формирование у дошкольников старшего возраста познавательно-творческих компетенций. Реализовать данное качество можно только при условии гуманизации образовательной сферы, определяющей ребѐнка главной ценностью и ставящей перед собой цель максимально возможное раскрытие интеллектуального, творческого потенциала молодого человека, способного реализовать себя в будущем.

Вышеперечисленное находит своѐ подтверждение в научных трудах различных исследователей, рассматривающих вопросы формирования творчески развитой личности, начиная с дошкольного возраста (А. Нуров, Б. Маджидова, Б. Рахимов, Б.Г. Ананьев, В.А. Сластенин, Г. Љалолова, Д.Б. Богоявленская, Д.И. Каримова, И.А. Зимняя, И.С. Якиманская, Е.В. Бондаревская, И.Я. Лернер, З.К. Турғунова, Л. Иматзода, Л. Иматзода, М. Лутфуллозода, М. Обидова, С.Л. Рубинштейн, М.Н. Скаткин, Р. Иззатулоев, Т.И. Шамова, Ш. Муҳиддинова, Ю.К. Бабанский и др.).

На развитие познавательно-креативных компетенций детей большое влияние оказывает учебно-воспитательная деятельность образовательных учреждений. В современных условиях особую роль в этом направлении играют дошкольные образовательные учреждения, работа которых направлена на создание базы, необходимой для раскрытия у детей интеллектуальных, креативных способностей.

Дошкольная образовательная среда в современном обществе, это личностное образование с атмосферой творчества, погружаясь в которую ребѐнок осваивает новые знания, умения, навыки в условиях свободного выбора.

В дошкольных образовательных учреждениях дети занимаются в креативных группах, сформированных по интересам. Решая задачи творческого развития ребѐнка, его социализации в воспитательно-образовательном коллективе, обществе, необходимо при организации детского досуга сочетать творческие занятия с познавательными аспектами деятельности (А.Г. Асмолов, А.В. Золотарева, А.К. Бруднов, В.П. Голованов, О.Е. Лебедев, Ю.В. Яковец).

Мы считаем, что процесс формирования и развития у детей старшей возрастной категории детских дошкольных образовательных учреждений творческих, познавательных способностей должен способствовать мотивированию

личности на самосовершенствование, саморазвитие, что позволит создать фундамент для будущей активной жизненной позиции молодых людей.

Проблема формирования познавательной, творческой компетенции у детей разного возраста описана в педагогической, научно-методической литературе с различных точек зрения.

